«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»

Ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Насриддинзода Э.С.____________

«25» ___06___ соли 2025

# ПРОТОКОЛИ №11

ҷаласаи кафедраи криминалистика ва фаъолияти экспертизаи судии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

аз 23 июни 2025 с. ш. Душанбе

**Раискунанда: н.и.ҳ., профессор Ямоқова З.Д.**

**Котиб: Хабибзода Н.Х.**

**Иштирок карданд:** мудири кафедра, д.и.ҳ., профессор Назаров А.Қ., н.и.ҳ., профессор Ямоқова З.Д., н.и.ҳ., дотсент Қодирзода Д.С. д.и.ҳ., дотсент Давлатзода К.Д., н.и.ҳ., дотсент Шарипов С.С., н.и.ҳ., дотсент Давлатов Б.С., н.и.ҳ., дотсент Давлатзода Д.Д., муаллими калон Насриддинов М., ассистент Аҳмадов М. ва Хабибзода Н.Х.

## РӮЗНОМАИ ҶАЛАСА:

**1. Муҳокимаи рисолаи диссертатсионии унвонҷӯи кафедраи криминалистика ва фаъолияти экспертизаи судии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Иброҳимзода Муборак Иброҳим дар мавзуи «Таҳқиқоти криминологии хусусиятҳои синну соли шахсияти ҷинояткор: проблемаҳои назариявӣ ва амалия» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12 00.08 - Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ.**

**Роҳбарии илмӣ:** Назаров Аваз Қувватович – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессори кафедраи криминалистика ва фаъолияти

экспертизаи судии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

**Шунида шуд:** Оид ба масъалаи мазкур унвонҷӯ Иброҳимзода Муборак Иброҳим баромад намуда, дар бораи сохтор, муҳиммият ва рӯзмаррагӣ, вазифа, мақсад ва навгониҳои илмии таҳқиқи диссертатсионии худ маълумот дода, иброз намуд, ки ҷинояткорӣ дорои омилҳои субъективӣ буда, вобаста ба синну соли шахс муайян карда мешавад. Таҳлили амиқи синну соли шахси ҷиноятсодирнамуда дар шароити тағйирёбии воқеияти муосир усули самарабахш дар пешгирии ҷинояткорӣ мебошад. Чунин таҳлил на танҳо барои муайян кардани шаклҳои гуногуни зуҳуроти ҷиноят ва вобастагии онҳо ба хусусиятҳои синну солии ҷинояткорон кӯмак мерасонад, балки ба такмили чораҳои пешгирикунанда низ мусоидат мекунад.

Дар доираи илми криминология мавзуҳои марбут ба синну сол, хусусиятҳои психологӣ ва зеҳнии ҷинояткорон бо таҳлили амиқу муфассал дучор нашудаанд. Нокифоя будани омӯзиши ин мушкилот дар равияи илмӣ заминаҳои низомиро барои ташаккули шароити хоси иҷтимоӣ фароҳам овардааст. Ин шароитҳо на танҳо бо роҳҳои ғайрифаъол ба моделҳои девиантии рафтор мусоидат мекунанд, балки худ ба унсури фаъол дар ташаккули воқеияти вайроншавии иҷтимоӣ табдил меёбанд. Дар чунин муҳит, ки бо ноустувории институтсионалӣ ва холигоҳи меъёрӣ тавсиф мешавад, ба шахсият таъсири дуҷониба мерасад: аз як тараф, механизмҳои иҷтимоишавии ӯ таҳриф мегарданд, ки ин боиси такрори амалҳои асотсиалӣ мегардад, аз тарафи дигар – арзишҳои инфиродии ӯ таҳриф мешаванд, ки ташаккули ҳувияти ҳамгироро душвор мегардонад.

Дар шароити муосир масъалаи мазкур аҳаммияти хоси худро пайдо мекунад, зеро он дар заминаи рушди босуръати ҷомеаи иттилоотӣ ва рақамӣ баррасӣ мешавад. Густариши нуфузи технологияҳо, тағйири форматҳои ҳамкории иҷтимоӣ (ба монанди воқеияти гибридӣ,

платформаҳои бо алгоритм идорашаванда) ва тағйироти марбут ба он дар намунаҳои рафтори шахсият таҳлили байнисоҳавиро талаб мекунад. Омӯхтани амиқи ин равандҳо имкон медиҳад на танҳо хатарҳои киберҷамъиятӣ (бетавозунии махфият, вобастагиҳои рақамӣ, идоракунии шуур) пешбинӣ карда шаванд, балки инчунин заминаи меъёрии ҳуқуқии мутобиқшаванда ташаккул дода шавад.

Диссертатсия аз номгӯйи ихтисораҳо, муқаддима, се боб, шаш зербоб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот ва рӯйхати адабиёт иборат аст.

Мақсади таҳқиқот ба муайян кардани хусусиятҳои умумӣ ва мушаххаси асосҳои назариявӣ ва амалии синну соли шахси ҷиноятсодиркарда, танзими ҳуқуқии он дар фаъолияти мақомотҳои ҳифзи ҳуқуқ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва таҳияву коркард намудани механизмҳои умумӣ ва махсуси пешгирии ҷинояткорӣ вобаста ба синну соли мушаххас нигаронида шудааст.

Барои ноил шудан ба ҳадафҳои таъиншудаи таҳқиқот вазифаҳои зерин гузошта мешаванд:

– коркард намудани мафҳуми криминологии синну сол ва аҳаммияти он дар тавсифи криминологии шахсияти ҷинояткор;

– муқаррар намудани хусусиятҳои иҷтимоӣ-демографии синну соли шахсияти ҷинояткор;

– муқаррар намудани хусусиятҳои фаъолнокии криминологии шахсияти ҷинояткори ноболиғ, ҷавонон;

– муқаррар намудани хусусиятҳои фаъолнокии криминологии шахсияти ҷинояткори калонсол;

– таҳлил ва баррасии тамоюлотҳо дар пешгирии ҷиноятҳое, ки аз тарафи ҷавонон содир шудаанд;

– омӯзиш ва таҳқиқи хусусиятҳои пешгирии ҷиноятҳои аз ҷониби калонсолон содиршуда.

Таҳқиқоти диссертатсионии мазкур аз нуқтаи назари масъалагузорӣ, равиши таҳқиқот, усули баррасӣ ва роҳҳои илмии ҳалли масоили мавҷудаи криминология навгонии ҷиддӣ дар фазои илми ҳуқуқшиносӣ, махсусан, дар соҳаи криминология ва ҳуқуқи ҷиноятии кишвар ба ҳисоб меравад.

Натиҷаҳои таҳқиқот аз хулосаҳои илмӣ ва пешниҳодҳо ҷиҳати такмили қонунгузории ҷиноятӣ оид синну соли шахсияти ҷинояткор иборат мебошад. Хулосаҳо ва нуқтаҳои илмие, ки дар рафти таҳқиқи диссертатсия ба даст омадаанд, метавонанд ҳангоми такмили меъёрҳои қонунгузории миллӣ, алалхусус қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва таҳияи қарорҳои Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври васеъ истифода бурда шаванд. Инчунин, маводҳои диссертатсия ҳангоми тартибдиҳии барномаҳо, китобҳои дарсӣ, лексияҳо ва таҳияи курсҳои махсус дар муассисаҳои таълими ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун асос хизмат карда метавонанд.

Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот бо таҳқиқи объективӣ, ҳамаҷонибаи назариявӣ ва амалии синну соли шахси ҷиноят содиркарда дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ мешавад. Эътимоднокӣ, инчунин, дар натиҷаи таҳлили муфассали категорияҳои илмӣ ва хулосаҳои илмии аз рӯйи онҳо қабулшуда зоҳир мегардад. Дурустии хулосаҳои бадастомадаро пешниҳоду тавсияҳои назариявӣ ва амалии диссертант, ки дар раванди таҳлили муқоисавии категорияҳои илмӣ, таҷрибаи судӣ, таҷрибаи мақомотҳои ҳифзи ҳуқуқ, омӯзиши равандҳои муосир, дурнамо, роҳу усулҳои навсозии масъалаҳои баррасишуда ташаккул ёфтаанд, тасдиқ мекунанд.

Ҳамзамон, аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот дар ҷанбаҳои зерин ифода меёбад. Натиҷаҳои бадастомада ба рушди тасаввуроти илмӣ дар бораи хусусиятҳои синну солии шахсоне, ки ҷиноят содир менамоянд, саҳми арзанда мегузоранд ва равияҳои консептуалии мавҷударо дар ин самт ғанӣ мегардонад.

Аҳаммияти амалии таҳқиқот дар он аст, ки хулосаҳои дар рафти таҳқиқот бадастомада ва пешниҳодҳои амалие, ки дар асоси онҳо оид ба татбиқи фаъолияти ҳокимияти судӣ ва мақомотҳои ҳифзи ҳуқуқ таҳия шудаанд, ба тасдиқи равиши аз ҷиҳати илмӣ асоснок ҳангоми таҳияи механизмҳои пешгирии ҷинояткорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат хоҳанд кард.

Маводҳои диссертатсияро ҳангоми таълими фанни криминология, курсҳои махсус ва семинарҳо истифода бурдан мумкин аст.

Дар ҷараёни маҷлис аз ҷониби иштирокчиён н.и.ҳ., профессор Ямоқова З.Д., н.и.ҳ., дотсент Шарипов С.С. ва д.и.ҳ., дотсент Давлатзода К.Д., ба унвонҷӯ саволҳо дода шуд, ки ба онҳо Иброҳимзода Муборак Иброҳим ҷавобҳои мукаммал дод.

Баъдан роҳбари илмии унвонҷӯ доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Назаров Аваз Қувватович баромад намуда, оид ба фаъолияти илмӣ – омӯзгории Иброҳимҳода М.И. суханронӣ намуда, иброз дошт, ки унвонҷӯ қобилияти баланди эҷодӣ дошта, таҳқиқи диссертатсионӣ ҳамчун кори анҷомёфтаи илмӣ ба ҳисоб меравад ва мавзуи он барои татбиқи ҳадафҳои стратегии давлат мусоидат менамояд.

Диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси 12.00.08 - Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ мутобиқат карда, барои ҳимоя аз рӯйи ихтисоси мазкур тавсия дода мешавад.

Дар охир аз иштирокчиёни ҷаласа хоҳиш карда шуд, ки довталабро дастгирӣ намоянд.

Сипас, раискунандаи ҷаласа н.и.ҳ., профессор Ямоқова З.Д., баромад намуда, диссертатсияро ҳамчун кори анҷомёфта ба ҳимоя тавсия намуд.

Дар муҳокимаи диссертатсия иштирокчиёни дигар, аз ҷумла н.и.ҳ., дотсент Қодирзода Д.С. ва н.и.ҳ. дотсент Давлатзода Д.Д. баромад намуда, ба унвонҷӯ тавсияҳои муфиди илмӣ доданд.

Баромадкунандагон дар рафти муҳокимаи диссертатсия муҳиммияти мавзуи таҳқикро қайд карда, саҳми унвонҷӯро дар таҳқиқу баррасии

масъалаҳои назариявӣ – методологӣ ва амалии мавзуи мазкур муҳим арзёбӣ намуданд.

Қайд карда шуд, ки Иброҳимҳода М.И. муҳаққиқи пурмаҳсул буда, муаллифи 9 мақолаҳои илмӣ, иштирокчии конференсия ва семинарҳои илмӣ-амалӣ ва назариявии байналмилалию ҷумҳуриявӣ ва дохилидонишгоҳӣ мебошад.

Ҳамзамон, баромадкунандагон эродҳо ва андешаҳоеро изҳор доштанд, ки ба мушаххасу возеҳ баён намудани нуктаҳои алоҳидаи диссертатсия, нисбатан муфассал шарҳ додани ҷанбаҳое, ки дар амалӣ намудани пешниҳодҳо ва тавсияҳои марбут ба таҳқиқи диссертатсионӣ мусоидат менамоянд.

Иброҳимзода Муборак Иброҳим ба эродҳои баромадкунандагон ҷавобу шарҳҳои муфассал дод. Сипас, лоиҳаи хулосаи кафедра, ки дар асоси баромади баромадкунандагон омода карда шудааст, шунида шуд.

**Ҷаласа қарор кард:**

1. Диссертатсияи Иброҳимзода Муборак Иброҳим дар мавзуи «Таҳқиқоти криминологии хусусиятҳои синну соли шахсияти ҷинояткор: проблемаҳои назариявӣ ва амалия » барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 - Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ кори таҳқиқии анҷомёфта ҳисобида шавад.
2. Диссертатсияи Иброҳимзода Муборак Иброҳим дар мавзуи «Таҳқиқоти криминологии хусусиятҳои синну соли шахсияти ҷинояткор: проблемаҳои назариявӣ ва амалия» ҷиҳати ҳимоя намудан барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 - Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ бо назардоштиислоҳи эродҳои гирифташуда барои ҳимоя дар Шурои диссертатсионии 6D.KOA-019 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон тавсия дода шавад.

Хулоса дар ҷаласаи кафедраи криминалистика ва фаъолияти экспертизаи судии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон санаи 23 июни соли 2025 таҳти рақами №11қабул шуд.

Иштирок доштанд: 10 нафар. Натиҷаҳои овоздиҳӣ: «тарафдор» - 10 нафар, «зид» - нест, «бетараф» - нест.

**Раискунандаи ҷаласа:**
**н.и.ҳ., профессори кафедраи криминалистика**
**ва фаъолияти экспертизаи судии**
**факултети ҳуқуқшиносии ДМТ** **Ямоқова З.Д.**

**Котиби ҷаласа:** **Хабибзода Н.Х.**

**Имзоҳои Ямоқова З.Д. ва ХабибзодаН.Х.-ро**

**ТАСДИҚ МЕКУНАМ:**
**Сардори Раёсати кадрҳо ва**
**корҳои махсуси ДМТ** **Тавқиев Э.Ш.**
**«25» 06 2025 с.**

Суроға: 734025, ш. Душанбе,
хиёбони Рудакӣ, 17. Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
Тел.: 2217711, факс: 2271510
Почтаи электронӣ: info@tnu.tj, сомонаи интернетӣ:www.tnu.tj